# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 3 декабри соли 2019**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гадоев Нурхон додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйии ихтиссоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Гадоев Нурхон, соли таваллудаш 1947, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз сентябри соли 2006 то айни ҳол ба ҳайси дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмӣ:** Исмоилов Шамсулло - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии ДДЗТ ба номи С.Улугзода.

**Муқарризони расмӣ: Мухторов Зайнидин Мухторович**, доктори илмҳои филологӣ, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Сабзаев Саидқул** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** - доктори илмҳои филологӣ профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар тақризи муассисаи пешбар** - Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ омадааст, ки даврони Истиқлолият ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳқиқи илмии масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ аз диди нав назар намоем, зеро забон дар ҳоли ташаккул буда, ба муроқибатҳои илмӣ ниёз дорад. Махсусан, баррасии таркиби луғавии шеваҳои забонамон аз ҳар ҷиҳат ниёз ба таҳқиқи илмӣ дорад. Мавзӯе, ки мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст, бешубҳа мубрам буда, барои илми забоншиносии муосири тоҷик аҳамияти илмию назарӣ ва амалӣ дошта, дар соҳаи фразеологияи лаҳҷа таҳқиқоти тоза маҳсуб мешавад

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро кардааст ва як кори пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ комилан муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳими зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

-Бахши таърихӣ ва решашиносӣ камтар инъикос ёфтааст. Робитаи лаҳҷаҳо бо забонҳои эронии ғарбӣ ва шарқӣ дар бахши фразеология ҷо - ҷо ишора шудааст, ки ба ин масъала бояд бештар аҳамият дода мешуд.

-Боби 3 ”Хусусиятҳои маъноӣ ва услубии воҳидҳои фразеологӣ” комилан назариявӣ буда, хусусияти тавсифӣ пайдо кардааст.

–Баъзе истилоҳҳои байналмилалии забоншиносӣ “семантикӣ”- маъноӣ, вариант - гуна, омоним –ҳамсон, дар шакли тоҷикиашон оварда мешуд, хубтар мешуд.

-Натиҷагирии бобҳо ва хулосаи бобҳо мушаххас набуда, ба таври умумӣ дода шудаанд.

– Андешаҳои муаллиф дар бораи фразеология ва хусусияти лаҳҷавии он камтар ба назар мерасад.

– Дар рӯйхати адабиёт низ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ ба мушоҳида мерасанд.

– Дар диссертатсия баъзе ҷумлаҳо такрор шудаанд. (с. 10, с. 13)

-Ибораҳои фразеологии мавриди таҳқиқ ва забони адабӣ ба таври мушаххас ҷудо карда нашуданд.

Диссертатсияи Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ таҳқиқоти анҷомёфта махсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Гадоев Нурхон сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ мебошад.Диссертант 32 мақола ба табъ расонидааст, ки 16-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудааст ва 16 номгӯйи дигар фарогири мавзӯъ ва мухтавои аосии диссертатсия буда, дар маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

**Мухтавои асосии диссертатсия дар интишороти зерин инъикос ёфтааст:**

1.**Рӯйхати мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои шомили КОА-и ФР ва КОА-и ҶТ нашр шудаанд:**

1.Диалектизмҳои лексикии пурра дар лаҳҷаи Тагнов / Паёми Донишгоҳи миллӣ. -Душанбе, №2 (34). - 2007, -С. 20-26.

2.Роҳҳои пайдоиши омонимҳо дар лаҳҷаи Тагнов / Паёми Донишгоҳи миллӣ. -Душанбе, - №5 (37). 2007, -С. 31-38.

3.Таъбирҳои синонимӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубу шарқии Кӯлоб /Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе, №4 (47), 2012. -С. 259-265.

4.Воҳидҳои фразеологии антонимӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб /Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, -Душанбе, №1 (56).2014, -С. 332-337.

5. Воҳидҳои фразеологии омонимӣ ва сермаъно дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, ,-Душанбе, №1 (56-2) 2014. С.366-371

6.Воҳидҳои фразеологӣ бо вожаҳои ифодагари номи аъзои бадани инсон/Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, Душанбе, №5 (66), 2015. С.104-110.

7.Матн ва хусусиятҳои маъноӣ ва луғавии он//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, -Душанбе, №1-2 (68-69), 2017, С.-78-82.

8.Матни илмӣ ва хусусиятҳои он/ Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ--Душанбе,, №1-2 (68-69) , 2017. -С. 82-87.

9. Баъзе хусусиятҳои идиомаҳо дар дар лаҳҷаҳои минтақаи Кӯлоб-

/Суханшиносӣ, -Душанбе, №4, 2016, -С. 24 -32.
10. Воҳидҳои фразеологии изофӣ дар лаҳҷаҳои минтақаи Кӯлоб- /Ахбори АИ ҶТ(шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) -Душанбе, № 4, 2018. С. 225-230.
11. Хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб./Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, -Душанбе, №2 (74), 2018-С. 111-115.
12.Воҳидҳои фразеологӣ бо унсури луғавии "гап" дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, /Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, -Душанбе № 4 (76), 2018.-С. 129-132. 13. Воҳидҳои фразеологӣ бо баъзе исмҳои маънӣ/Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, -Душанбе, № 5-1 (77), 2018, -С .92-98.
14.Сохтори воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои минтақаи Кӯлоб- /«Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ», -Душанбе, №5-2 (77), 2018, -С. 128-133.
15.Воҳидҳои фразеологӣ бо калимаҳои «даҳон» ва «даст» дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ //Ахбори АИ ҶТ(шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) -Душанбе, № 2(256), 2019. -С. 166 - 171.
16.Ҷумлаҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубу шарқии минтақаи Кӯлоб- //Паёми Донишгоҳи миллӣ. Душанбе. -2019, №3 (34). -С. 20-25.

**2.Асарҳои дигар**

**а) Монография:**

1. Баъзе хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар лахҷаҳои ҷанубии Кӯлоб / / - Душанбе, Балогат- 2017, -231 с.

**б).Маколахое, ки дар маҷалаҳои дигар нашр шудаанд:**

17. Баъзе хусусиятҳои лексикаи феъл дар лаҳҷаи Тагнов// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, -Душанбе, № 6. -2006. -С. 107-112.
18. Истилоҳ̌ти хешутаборӣ дар лаҳҷаи Тагнов //Маърифати омӯзгор. -Душанбе.. - -2007, №2. - С. 53-57.
19. Калимаҳои сермаъно дар лаҳҷаи Тагнов //Пажӯҳиш ва дастовард, -Душанбе, 2007. -С. 66-71.
20. Як навъи диалектизмҳои лексикӣ дар лаҳҷаи Тагнов //Пажӯҳиш ва дастовард, -Душанбе, 2007. -С. 71-76.
21. Муродифҳо дар лаҳҷаи Тагнов //Пажӯҳиш ва дастовард,-Душанбе, 2007.-С. 76-82.
22. Луғат ва истилоҳоти этнографӣ дар лаҳҷаи Тагнов //Номаи пажӯҳишгоҳ, -Душанбе-2007, № 15-16. -С.71-78.
23. Баъзе хусусиятҳои лексикаи зарф дар лаҳҷаи Тагнов// Гулзори сухан. -Душанбе, 2010. -С. 20-27.

24. Воҳидҳои фразеологӣ бо вожаи «дил» дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб// Гулчини сухан. -Душанбе, 2012. -С. 36-46.
25. Фразеологизмҳои ташбеҳӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб//Гулчини сухан. -Душанбе, 2012, -С. 53-63.
26. Диалектизмҳои лексикии нопурра дар лаҳҷаи Тагнов//Гулчини сухан. –Душанбе, 2012. -С. 53-63.
27. Таснифоти воҳидхои фразеологӣ аз ҷиҳати сохт дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб //Суханшиносӣ, ,-Душанбе, №22015. -Саҳ. 33- 44.
28.Ташаккули воҳидхои фразеологӣ бо чанде аз исмҳои моддӣ ва маънӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб// Суханшиносӣ, -Душанбе, №3, 2015, -С. 21-33.
29.Воҳидҳои фразеологӣ бо номи ҳайвонҳои ваҳшӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб //Суханшиносӣ, -Душанбе, №4, 2015. -С.130 -139.
30. Матни илмӣ-оммавӣ ва баъзе хусусиятҳои он//Маводи конференсияи апрелии соли 2016…- Душанбе, 2016. -С. 131-135.
**31** Имконоти услубӣ ва бадеии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб.” Маҷмуаи илмии ДМТ ”Забон - рукни тоат//,-Душанбе, № 10, 2017. -С. 82- 92.
32.Нақши ҳайвоноти хонагӣ дар ташаккули таъбироти халқӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб// Маҷаллаи илмии ДДЗТ ба номи С.Улуғзода «Камоли умр-70» -Душанбе, 2017. -С.134-141.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Кабиров Х. Ш. -**доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. Тақриз мусбат буда, дар он зикр мешавад, ки таҳқиқ ва омӯзиши фразеологияи лаҳҷа аз назари забоншиносон дур мондааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур саривақтӣ буда,дар фразеологияи тоҷик падидаи нав маҳсуб мешавад. Диссертант кӯшидааст, ки вижагиҳои воҳидҳои фразеологии минтақаи Кӯлобро таҳқиқ намуда, пешкаши ҳаводорони ин соҳа гардонад ва ба мақсади худ ноил ҳам шудааст.

Рисола бо вуҷуди дастовардҳои назарраси илмӣ ва маводи зиёдро дар бар гирифтанаш, дар нигориши он баъзан ба саҳлангорӣ роҳ дода шудааст:

1.Дар рисола муқоисаи фразеологизмҳои лаҳҷаҳои як маҳал бо маҳалҳои дигар ва забони адабӣ он қадар барҷаста нест .

2. Дар диссертатсия фарҳангу луғатҳои соҳавӣ ба қадри даркорӣ мавриди истифода қарор нагирифтанд.

3. Дар муқаддима дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ такмил мехоҳад.

Албатта, ин камбудиҳо ислоҳшавандаанд ва қимати илмии рисоларо паст карда наметавонанд.

Бояд қайд кард, ки диссертатсияи Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Гадоев Нурхон ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филолоғия аз рӯи ихтиссоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Алимӣ Ҷ.** Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии ДДК ба номи А, Рӯдакӣ. Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки таҳқиқи фразеологияи лаҳҷа дар илми забоншиносии тоҷик ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфтааст. Зеро таъбирҳои халқӣ аз умқи забон маншаъ мегиранд. Дар онҳо расму оин, анъана ва урфу одати мардуми мо инъикос ёфтанд. Дарвоқеъ, то имрӯз доир ба хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидхои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ кори алоҳидаи илмӣ вуҷуд надошт ва диссертатсияи мазкур дар ин соҳа таҳқиқоти нав ба шумор меравад.

Дар хулосаи диссертатсия мухаққиқ нуктаҳои асосии таҳқиқотро оварда, аз онҳо хулосаҳои зарурӣ баровардааст. Аз мазмуну муҳтавои диссертатсия бараъло маълум мешавад, ки муаллифи рисола аз адабиёти илмӣ пурсамар ва эҷодкорона истифода намудааст. Бо вуҷуди он, дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои беҳдошти сифати кор дар мавриди корҳои минбаъда ва чопи рисола аз манфиат холӣ нест.

1. Агар муаллифи рисола аз таърихи пайдоиши воҳидҳои фразеологӣ маълумоти аниқу муфассал медод, нуран алонур мешуд.
2. Дар фишурдаи рисола, ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ ба мушоҳида мерасанд (ниг. с., 14, 15, 16, 19, 65…).

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин эродҳои зикргардида аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкурро коҳиш дода наметавонанд. Дастовардҳои илмии таҳқиқоти мавриди назар шоистаи дастгирист. Бинобар ин, диссертатсияи Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Гадоев

Нурхон ба дарёфти дарачаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ арзанда аст.

**Шокиров Т. С. -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки воҳидҳои фразеологӣ бо вижагиҳои луғавию маъноии худ дар забону муошироти соҳибони лаҳҷа мақоми махсус доранд. Аз ин лиҳоз, фарогири он махсусан дар шеваю лаҳҷаҳо зарур аст. Зеро зиёду рӯзафзун будани захираи фразеологии забони тоҷикӣ, гуногунӣ ва қонуниятҳои фардии инкишофи он тақозо дорад, ки фразеология ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ ҳаматарафа таҳқиқ карда шавад. Бинобар мавзӯи мавриди таҳқиқро актуалӣ ва саривақтӣ ҳисобидан равост.

Дар диссертатсия ҷанбаҳои илмӣ ва бадеии воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи мавриди таҳқиқ баррасӣ гардидааст.Дар гӯйиши мардуми Кӯлоб таъбирҳоеро дучор намудан мумкин аст, ки ба гурӯҳҳои луғавӣ иртибот дошта, ба соҳаҳои гуногуни рӯзгор иртибот доранд ва дар ифодаи образнок ва пуробуранги гуфтор мавқеи муҳим доранд, мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Умуман, диссертатсияи доктории Гадоев Нурхон кори ба анҷомрасида ва пурмуҳтаво, дорои навгониҳои илмист. Аммо дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо низ мавҷуданд:

1. Ҳангоми таҳлили таҳқиқоти олимони дигар хронологияи онҳо ба эътибор гирифта нашудааст.
2. Хулосаи фаслҳову бобҳо ба назар нарасиданд.
3. Баъзе ҷумлаҳо таҳрирталабанд (ниг.ба саҳ. 17, 22).
4. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (5,12,18,24).

Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур назаррас аст. Бинобар ин, диссертатсияи Гадоев Нурхон ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, соҳиби он Гадоев Нурхон сазовори дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.0- Забони тоҷикӣ мебошад.

**Омонтурдиев А-** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ, **Р. Абдуллоев ва И. Эшонқулов** дотсентони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Термиз. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз перомуни диссертатсия чунин арз кардааст: "Таҳқиқгар оид ба тамоми намудҳо ва хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ сухан меронад. Масалан, ба муродифҳои фразеологӣ, воҳидҳои

фразеологии зидмаъно, воҳидхои фразеологӣ бо калимаҳои соматӣ” воҳидхои фразеологии ҳамколиб, вариантҳои фразеологиро мавриди мубоҳиса қарор додааст.

Хар як боб вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзӯъ боз ба зербандҳо тасниф карда шуда, муҳаққиқ ҷузъитарин масъалаҳои марбут ба мавзӯъро аз назари тадқиқ гузарондааст, Дар муқадимма диссертант дар бораи аҳамияти таҳқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, сарчашмаҳои таҳқиқот маълумоти муфассал пешкаш намуда, доир ба нақши воҳидҳои фразеологӣ дар забони адабии тоҷик ва лаҳҷаву гӯйишҳои он сухан ронда, қайд мекунад, ки таркиби луғавӣ ҳамеша вобаста ба авзои ҷомеа тағйир меёбад.

Вобаста ба матн калимаҳо маънои нав ба бар намуда, маънои луғавии худро тавсеа мебахшанд, ки ин боиси ба майдон омадани ифодаҳои наву тоза ва таркибу рехтаҳои фразеологӣ мегарданд. Одатан рехтаҳои фразеологӣ аз як забон ба забони дигар айнан тарҷума намешаванд ва танҳо мазмуни онҳо маънидод карда мешаванд. Як кисмати муайяни калимаҳо маънои аслии худро сарфи назар намуда, ба маънои ғайриаслӣ истеъмол мешаванд, яъне маънои маҷозӣ гирифта таъбирҳои фразеологии нав месозанд. Ба ин васила забони асарро муъҷазу образнок ва пуробуранг мегардонанд. Бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур кори анҷомёфта буда, мазмуну муҳтавои он дар сатҳи баланд эҷод шудааст. Бо вуҷуди он, ба назари мо баъзе камбудиҳо ҷой доранд:
1.Ибораҳои «арғушт рафтан», «мову рӯз будан» воҳиди фразеологӣ нестанд.
2. Дар диссертатсия ҷо-ҷо андешаву фарзияҳои илмӣ бидуни нишон додани манбаъ ба таври умумӣ баён гардидааст (саҳ. 12,16),

Албатта, ин камбудиҳо ислоҳшавандаанд ва моҳияти илмии рисоларо коҳиш дода наметавонанд. Дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур назаррасанд ва муаллифи рисола дар ҳаллу фасли масъалаҳои назариявию амалии соҳаи фразеология ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст. Бояд қайд кард, ки диссертатсияи мавриди таҳқиқ дар мавзӯи «Хусусиятҳои лугавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Гадоев Нурхон ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтиссоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** - доктори илми филологӣ, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ, дотсент. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз перомуни диссертатсия чунин арз кардааст:

Диссертатсияи Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» барои илми диалектологияи тоҷик дар замони ҳозира хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Муҳаққик доир ба осори назариявии лингвистӣ дар мавриди ва мавқеи онҳо дар шевашиносӣ маълумоти васеъ дошта, дар асоси дастовардҳои илмии забоншиносон назару андешаи худро роҷеъ ба воҳидҳои фразеологӣ баён кардааст. Инчунин, перомуни воҳидҳои фразеологӣ аз руи истеъмол воҳидҳои фразеологии умумихалқӣ ва хоси лаҳҷа ва воҳидҳои фразеологии таърихӣ ва иқтибосӣ ибрози назар карда, бо далелҳои илмӣ баромади воҳидхои фразеологиро ташреҳу тавзеҳ додааст.

Унвонҷӯ ба диссертатсияи худ пурра ворид шуда аз адабиёти илмӣ роҷеъ ба кори худ баҳрабардорӣ намуда, баҳси илмӣ ороста назари шахсии худро нисбат ба онҳо баён кардааст. Дар баробари дастоварду комёбиҳо дар кор баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд:

-Дар саҳ. 9,35,43 галатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд.

-Базе вожаҳо нодуруст шарҳ дода шуданд: мак-гардан нею гулӯ

-Дар саҳ. 14 муҳаққиқ калимаҳои **сафора, яхдон, конокро** оварда, мавқеи онҳоро дар ташаккули воҳидхои фразеологӣ муайян накардааст.

-Дар автореферати диссертатсия корҳои илмии нав каманд ва аз дастовардҳо сомонаҳои интернетӣ истифода нашудааст.Эродҳои зикршуда бештар ҷанбаи таҳририву тавсиявӣ дошта, дастовардҳо ва комёбиҳои илмии муҳаккикро коҳиш дода наметавонанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин эродҳои зикргардида аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкурро паст карда наметавонанд. Дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур шоистаи тавсиф аст. Бинобар ин, диссертатсияи Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои лугавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Гадоев Нурхон ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ меарзад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин рисола ба пажӯҳишгарону тадқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи фразеологияи лаҳҷаро мавриди тадқиқ қарор доданианд, ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд. Маводи диссертатсия, бешакку шубҳа, дар тадқиқотҳои минбаъдаи олимон дар сохаи лаҳҷашиносии таърихию муосир, фразеология, лексикология ва услубшиносӣ дасти ёрӣ дароз

карда метавонад. Инчунин вижагиҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ, фразеологияи соматӣ, зоонимӣ, фитонимӣ ва дараҷаи корбасти онҳо дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, аз ҷумла, минтақаи Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳадафи мо дар ин таҳқиқот аз иҷрои масъалаҳои зерин иборат аст:

-Овардани маълумоти зарурӣ оид ба фразеологияи лаҳҷа, нишона ва аломатҳои махсуси он дар гӯйишҳои маҳаллии минтақаи Кӯлоб.

-Баррасии воҳидхои фразеологии лаҳҷа аз рӯйи дараҷаи истеъмол, воҳидхои фразеологии умумихалқӣ ва лаҳҷавӣ.

-Гурӯҳбандии воҳидхои фразеологӣ аз нигоҳи маъно: идиомаҳо (рехтаҳои фразеологӣ), воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ, вобастаҳои фразеологӣ, ифодаҳои фразеологӣ (фраземаҳо) ва таҳлили вижагиҳои онҳо.

-Баёни тафовути таркибҳои фразеологӣ аз ибораҳои фразеологӣ: ибораҳои фразеологии изофӣ ва ибораҳои фразеологии феълӣ.

-Таносуби маъноии фразеологизмҳо ва тобишҳои услубии онҳо ва нақши маҷоз дар воҳидхои фразеологии лаҳҷа.

-Таҳқиқи қабатҳои луғавию семантикии воҳидхои фразеологии лаҳҷа: муродифоти фразеологӣ, фразеологизмҳои зидмаъно ва омонимҳо.

-Таркиби воҳидхои фразеологии лаҳҷа

-Вариантҳои фразеологӣ. Вариантҳои фразеологии ҳамқолиб ва роҳхои ташаккули онҳо.

-Таҳқиқи воҳидҳои фразеологии лаҳҷа бо калимаҳои таърихӣ ва иқтибосӣ. Баррасии хусусиятҳои маъноӣ ва услубии онҳо

-Шарҳу эзоҳ додани мулоҳизаҳои забоншиносон дар мавриди ба қатори воҳидхои фразеологӣ мансуб донистани зарбулмасалу мақолҳо..

-Нақши узвҳои бадани инсон дар ташаккули воҳидхои фразеологии, тахлили хусусиятҳои фардии онҳо дар лаҳҷа

-Баррасии номи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ дар воҳидхои фразеологии лаҳҷаҳои минтақаи Кӯлоб.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин рисола ба пажӯҳишгарону тадқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи фразеологияи лаҳҷаро мавриди тадқиқ қарор доданианд, ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд. Маводи диссертатсия, бешакку шубҳа, дар тадқиқотҳои минбаъдаи олимон дар сохаи лаҳҷашиносии таърихию муосир, фразеология, лексикология ва услубшиносӣ дасти ёрӣ дароз карда метавонад.

Дар диссертатсия бори нахуст дар шевашиносии тоҷик хусусиятҳои минтақавӣ доштани воҳидхои фразеологӣ ва дар муҳити гӯйишҳои халқӣ ташаккул ёфтани онҳо, нақши омилҳои забонӣ ва гуфтугӯйӣ дар таҳаввулоти воҳидхои фразеологии лаҳҷа, таъсири шароиту тарзи зиндагии мардуми деҳот дар шаклгирии фразеологизмҳои лаҳҷавии маҳаллӣ ва дигар воситаҳое, ки боиси инкишофи низоми фразеологии

лаҳҷа гардидаанд, бо далелҳои мустаҳками илмӣ асоснок гардида, нишон дода мешавад. Ба ин васила, дар лаҳҷашиносии тоҷик барои баррасии диалектологияи фразеологии лаҳҷа ҳамчун як соҳаи илми шевашиносӣ заминаи илмӣ фароҳам оварда мешавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии луғатшиносӣ, таърихи забон, ҳамчунин курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба фразеология, лаҳҷашиносӣ ва услубшиносӣ, инчунин ҳангоми тартиб додани луғатҳои фразеологӣ истифода намуд. Масъалаҳои пешниҳодшудаи диссертатсия барои тартиб додани барномаҳои таълимӣ ва комплекси таълимию методӣ аз фанҳои “Лаҳҷашиносӣ”, “Лексикология”, ”Услубшиносӣ” ва дастури таълимӣ роҷеъ ба фразеологияи лаҳҷавӣ ба кор бурда мешавад. Ҳадафи мо дар ин таҳқиқот аз иҷрои масъалаҳои зерин иборат аст:

-Овардани маълумоти зарурӣ оид ба фразеологияи лаҳҷа, нишона ва аломатҳои махсуси он дар гӯйишҳои маҳаллии минтақаи Кӯлоб.

-Баррасии воҳидҳои фразеологии лаҳҷа аз рӯйи дараҷаи истеъмол, воҳидҳои фразеологии умумихалқӣ ва лаҳҷавӣ.

-Гурӯҳбандии воҳидҳои фразеологӣ аз нигоҳи маъно: идиомаҳо (рехтаҳои фразеологӣ), воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ, вобастаҳои фразеологӣ, ифодаҳои фразеологӣ (фраземаҳо) ва таҳлили вижагиҳои онҳо.

-Баёни тафовути таркибҳои фразеологӣ аз ибораҳои фразеологӣ: ибораҳои фразеологии изофӣ ва ибораҳои фразеологии феълӣ.

-Таносуби маъноии фразеологизмҳо ва тобишҳои услубии онҳо ва нақши маҷоз дар воҳидҳои фразеологии лаҳҷа.

-Таҳқиқи қабатҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологии лаҳҷа: муродифоти фразеологӣ, фразеологизмҳои зидмаъно ва омонимҳо.

-Таркиби воҳидҳои фразеологии лаҳҷа

-Вариантҳои фразеологӣ. Вариантҳои фразеологии ҳамқолиб ва роҳҳои ташаккули онҳо.

-Таҳқиқи воҳидҳои фразеологии лаҳҷа бо калимаҳои таърихӣ ва иқтибосӣ. Баррасии хусусиятҳои маъноӣ ва услубии онҳо

-Шарҳу эзоҳ додани мулоҳизаҳои забоншиносон дар мавриди ба қатори воҳидҳои фразеологӣ мансуб донистани зарбулмасалу мақолҳо..

-Нақши узвҳои бадани инсон дар ташаккули воҳидҳои фразеологии, таҳлили хусусиятҳои фардии онҳо дар лаҳҷа

-Баррасии номи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ дар воҳидҳои фразеологии лаҳҷаҳои минтақаи Кӯлоб.

**Мутобиқи мақсаду вазифаҳои диссертатсия.** Усули асосии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, мушоҳида, мусоҳиба, шарҳдиҳӣ, баргузории

назарпурсӣ, таҳлил ва таҳқиқи муқоисавӣ буда, бар пояи таҳлили синхронӣ ва дар мавридҳои хосса-диахронӣ тавзеҳ гардидаанд, ки он ҳангоми таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва услубии воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ рӯйи кор омадааст. Маводи асосии таҳқиқот аз деҳаҳои ҷанубу шимол ва шарқу ғарби минтақаи Кӯлоб ҷамъоварӣ карда шудааст. Аз маҳалҳои зикршуда миқдори зиёди воҳиди фразеологӣ, аз ҷумла, ибора, таркиб ва ҷумлаҳои фразеологӣ гирдоварӣ шудааст, ки аксари онҳо дар диссертатсия мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Саҳми фардии муҳаққиқ.** Муҳаққиқ дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, аз ҷумла, минтақаи Кӯлобро, бори нахуст мавриди баррасии системавӣ ва амиқ қарор медиҳад. Дар диссертатсия роҳҳои тағйир ёфтани сохтори воҳидҳои фразеологӣ дар ҷараёни нутқ, иваз шудани ҷойи ҷузъҳои онҳо, ки яке аз воситаҳои ташаккулу таҳаввули намуди зоҳирӣ ва мазмуни воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб мешавад, аз нигоҳи илмӣ маънидод карда мешавад. Фразеологизмҳо дар гӯйишҳои ҷанубии забони забони тоҷикӣ аз нигоҳи хусусиятҳои семантикӣ, вижагиҳои услубӣ ва дараҷаи истеъмолии таъбирҳои халқӣ то ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, ки хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохторӣ, қабатҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ ва тобишҳои услубии таъбирҳои ин минтақаро мавриди баррасӣ қарор додааст, чакидаи тозае дар илми лаҳҷашиносӣ маҳсуб мешавад.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 3 декабри соли 2019 дар бораи ба Гадоев Нурхон додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-(Забони тоҷикӣ) қарор қабул кард.

Ҳанғоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 20 нафар иштирок дошт. Бюллетпнҳои додашуда ба 17 нафар, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.22–Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷӣ Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Америко ва Австралия (забони тоҷикӣ) мебошанд, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест «баргаҳои беэътибор» - нест

Баромади Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» тақризи муассисаи масъул, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайниддин Мухторович, доктори илмҳои филологӣ, профессор Сабзаев Саидқул, доктори илмҳои филологӣ,

профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф ва муассисаи пешбарро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Гадоев Нурхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи Олии Атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Гадоев Нурхон дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ-. дода шавад.

4. Аз Комиссияи Олии Атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Гадоев Нурхон дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ-ро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А.Ш.

**3 декабри соли 2019.**